# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи « Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик – мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо **дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX** бахшида шудааст. Мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд ва дорои тозагиҳои муайян мебошад: якум бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо ба сурати мавзуи алоҳида ва дар доираи як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ мешавад. Дигар ин ки вежагиҳои мавзуиву сабкӣ ва поэтикии анвоъи ашъори шоир нахустин бор ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, ҷойгоҳи вай дар миёни суханварони ин давра муқаррар шудааст. Аз ин нуқтаи назар муаллифи диссертатсия дар муқаддимаи он қайд менамояд, ки то имрӯз ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани мавзуи мазкур сабаби аслии ношинохта мондани шахсияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мероси бозмонда аз ӯ гардидааст. Дар канори ин, дар адабиётшиносии тоҷик ва ӯзбек роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ танҳо мақолаҳои алоҳида, ки бархе онҳо ба сурати пешгуфтор ба маҷмуаи ашъори шоир нигошта шудаанд, пажуҳише мустақил ва муфассал ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии рӯзгору мероси адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо аз ҷумлаи мавзуоти муҳим дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад,ки дар заминаи пажуҳиши он саҳифаҳои тозаи адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX равшан мегардад.

Арзиши муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бар асоси дастрасӣ ба сарчашмаҳои муҳим ва нодири асри зиндагонии шоир саҳифаҳои муҳими рӯзгори ӯро барқарор намуда, мероси адабиашро дар асоси нусхаи хаттии маҳфуз дар Фонди дастнависҳои ба номи Ҳамид Сулаймони дар Пажуҳишгоҳи Шарқшиносии АИ Ӯзбекистон таҳти рақами 1982 дақиқ ва теъдоди ҳар як аз навъи шеъриро дар таркиби он муқаррар сохтааст.

Дар диссертатсия баробари ин, вежагиҳои мавзуиву ҳунарӣ, сабкиву поэтикии ашъори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, муаллиф бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи хеш мавзуоти сурудаҳои шоирро тасниф ва миқдори абёти ҳар навъи шеърӣ, баҳрҳои мавриди истифодаи шоир дар ғазалиёт, навовариҳо дар қасидасароӣ, эҷоди мухаммасоти озод ва тазмин, тозакориҳо дар сохтори ғазалҳо, мувашшаҳот ва амсоли инро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Матлабҳои таъкидшуда ва масъалаҳои

муҳимму мубрами дигар, ки дар диссертатсия таҳқиқу баррасӣ шудаанд, муҳимтари арзишҳои назарии онро шарҳу тафсир мекунанд.

Навгонии дигари диссертатсият дар он зоҳир мешавад, ки то кунун перомуни рӯзгор ва осори шоири камшинохтаи адабиёти охири асри XIX ва оғози садаи XX Мирзо Ҳайити Саҳбо то кунун таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат нагирифтааст. Пажӯҳиши диссертатсионии мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти фарогиру густарда мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осор, маҳорату истеъдод ва мавқеи адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қароргирифта муайян ва мушаххас гардид, ки ашъори боқимондаи шоир таҷассумгари завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабку услуби бадеии ӯ мебошад.

Дар диссертатсия нахустин бор дар саҳбошиносӣ ба ҷиҳатҳои сохторию шаклӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сабкию бадеӣ ва поэтикии ашъори гуногунжанри адиб таваҷҷуҳи махсус дода шуда, дар такя ба матни осори манзуми Мирзо Ҳайити Саҳбо, ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии ӯ таҳқиқ шудааст.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки он барои омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти тоҷик, дар мисоли зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо, мусоидат карда, боиси равшанӣ андохтан ба доираи адабии Бухоро дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX мегардад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик дорои аҳамият мебошад.

Натиҷаву хулосаҳои диссетарсияро метавон ҳамчун яке аз манобеъ дар таълифи рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, докторӣ, таълифу таълими курсҳои таърихи адабиёти тоҷик, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус барои ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

Бар асоси таъкиди афзалиятҳои мазкур метавон изҳор дошт, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Равшан аст, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба сурати мустақилона ба қалам омада, дорои арзишу аҳамияти муҳим ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои аз таҳқиқу баррасии мавзуъ ба даст омада аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант аз раванди таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил

дошта, таълифоти хешро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба анҷом расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, аз ҷумла 3 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия нашр гардидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи мустақим доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ баён гардида, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ муқаррар шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи « **Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX** » кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи « **Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Саидҷаъфаров Озод**– доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара”;

**- Мирсаидов Баҳром Тоҳирович** – номзади илмҳои филологӣ, Директори китобхонаи оммавии вилоятии ба номи Тошхоҷа Асирии шаҳри Хуҷанд;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** Ғаффорова Умеда Абдуллоевна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** Файзуллоев Неъматҷон

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, дотсент,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** Нуров Нуралӣ Норович

«6» марта с.2024